«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.__________
«_10_» ____04_______ соли 2024

**НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №09**

ҷаласаи якҷояи кафедраҳои андозбандӣ ва суғурта ва молия Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз «08» 04 соли 2024 ш. Душанбе

**Раис:** Исломов Т.С., н.и.и., дотсенти кафедраи андозбандӣ ва суғуртаи ДДМИТ

**Котиб:** Убайдуллозода Ф.У., н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи ДДМИТ

**ИШТИРОК КАРДАНД:** д.и.и., профессор Фаҷеров Ҳ.Н., д.и.и., профессор Қудратов Р.Р., д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., д.и.и. профессор Кошонова М., н.и.и. профессор Бегматов А. А., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и. дотсент Оймаҳмадов Г.Н. н.и.и., дотсент Шералиев Э.Н., н.и.и., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., дотсент Тағоева Р.Г., н.и.и., Ҳусейнов М.С., муаллимони калон: Темуров Р., Маҳмадкаримов Х., Ахмедов Х., Азизқулов Б., Зубайдов Ҷ.И., Пирова М.А, ассистентон: Қурбонова Ш.Б., Ормонова М.М., Қарахонова Н., Пирова М., Ҳабибова Г., Фатҳиддинзода Қ.Қ. Сафаров Ш.Ш., Намозализода Ш.Ш., Қурбонализода Д.Т., Албинаи К

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Султон Бахтиёр дар мавзуи « Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00. 07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Султон Бахтиёр баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии худ маълумот дода, аз

ҷумла қайд намуд, ки фаъолияти соҳибкорӣ омили муҳими рушди иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷараён, ташаккул ва рушди соҳибкории хурду миёна дар муқоиса бо дигар шаклҳои соҳибкорӣ, хусусиятҳои хоси худро дошта, он доираи васеъи андозсупорандагон ва қисмати зиёди аҳолии кишварро ба шуғли меҳнат фаро мегирад. Хусусияти хоси низоми маъмурикунонии дар рушди соҳибкории хурду миёна дар он инъкос меёбад, ки он ба рақопатпазирӣ, таъмини шуғли пурмаҳсул ва ҳавасмандии молиявӣ-иқтисодӣ шароитҳои мусоид фароҳам меорад.

Мақсади ислоҳоти низоми андозӣ низ дар фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан, бизнеси хурду миёна ин дастгирии андозӣ-молиявӣ, аз ҷумла ҷори намудани низоми махсусу соддаи андозбандӣ, паст намудани гаронии андоз ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, беҳтар намудани корҳои назорату санҷишӣ оид ба ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ мебошад. Дар ин раванд, ҷорӣ намудани шаклу меъёрҳои махсуси андозбандӣ ва маъмурикунонии он ба соҳибкорони хурду миёна ба шароити муосир ба мақсад мувофиқ буда, он манфиатҳои давлат ва субъектҳои соҳибкориро ҳифз намуда, ба имкониятҳои таҳкими буҷети давлатӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти андоз мусоидат менамояд.

Татбиқи амалии Кодекси андоз бо таваҷҷӯҳ ба рушди соҳибкории хурду миёна нишон медиҳад, ки ҳоло ҳам камбудиҳо ва нуқсонҳо дар самти маъмурикунонии андоз ба назар мерасад, ки он ба такмил ниёз дорад. Ҳалли масъалаҳои мазкур ба баланд бардоштани самаранокии низоми андозӣ ва дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна равона гардида, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ - амалӣ ва пешниҳоду хулосаҳои мушаххасро оид ба маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна тақозо менамояд, ки он барои суботи молиявӣ тайи даҳсолаҳои минбаъда хизмат хоҳад намуд.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., д.и.и. профессор Кошонова М., н.и.и. профессор Бегматов А. А., н.и.и., дотсент Исломов Т.С., н.и.и. дотсент Оймаҳмадов Г.Н. муаллими калон Темуров Р., ассистент: Намозализода Ш.Ш. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Султон Бахтиёр ҷавобҳои мусбӣ дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи ДДМИТ Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич баромад намуда, оид ба фаъолияти корӣ ва илмии Султон Бахтиёр суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи сиёсати андозии давлат мусоидат хоҳад намуд.. Диссертатсия бо шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00. 07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат намуда барои ҳимоя аз рӯйи

ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуд, ки онро дастгирӣ намоянд.

Сипас Исломов Т.С., номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи андозбандӣ ва суғурта ва Шукуров С.М - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андозбандӣ ва суғурта баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур якчанд нафар аз он ҷумла: д.и.и., профессор Қудратов Р.Р., н.и.и. профессор Бегматов А. А., н.и.и. дотсент Оймаҳмадов Г.Н. н.и.и., Ҳусейнов М.С. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, сахми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Султон Бахтиёр муҳаққиқи ҷавони пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба масъалаҳои маъмурикунонии андоз рушди соҳибкории хурду миёна, ки дар ҷараёни таҳқиқот таҳия ва баррасӣ шудаанд, барои баланд бардоштани самаранокии мақомоти андоз ва вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Султон Бахтиёр ба эродҳои бармадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор қабул кард:**

1.Диссертатсияи Султон Бахтиёр дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00. 07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Диссертатсияи Султон Бахтиёр дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00. 07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда ба марҳилаи оянда тавсия дода шавад.

3.Қарори ҷаласаи якҷояи кафедраи андозбандӣ ва суғурта ва молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз «28» 04 соли 2024, суратмаҷлиси №09 тасдиқ карда шавад.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи андозбандӣ
ва суғуртаи ДДМИТ — Исломов Т.С.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент,
и.в. мудири кафедраи молияи ДДМИТ — Убайдуллозода Ф.У.

Дурустии имзоҳои Исломов Т.С. ва Убайдуллозода Ф.У.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ